ПРОТОКОЛ № 1-и
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-150 назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 22-юми октябри соли 2026 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
аз 15 нафар азъоёни шурои диссертатсионӣ,
14 нафар, аз рӯйи ихтисос 5 нафар

22-юми октябри соли 2026, соати 10:00 дар толори шурои диссертатсионии факултаи биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Душанбе, Буни Ҳисорак, "Шаҳраки донишҷӯён") ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-150 баргузор гардид. Вақти анҷоми ҷаласа: 12:10.

Раиси ҷаласа: доктори илмҳои биологӣ, академик Якубова М.М.
Котиби илмӣ: номзади илмҳои биологӣ, дотсент Ҳамидзода Х.Н.

Раиси шуро: Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро бо шумораи 15 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 ва бо тағйиру иловаҳо ба ҳайати шуро аз 25-уми сентябри соли 2026, №354/шд тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро дар ҷаласа 14 нафар аъзо иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси 1.5.6. Биохимия диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад. Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Саидзода Хайридини Хол дар мавзуи «Омӯзиши каротиноидҳои таркиби сабзӣ (Daucus carota) дар муқоиса бо каротиноидҳои таркиби ангат (Hippophae rhamnoides L.)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.6. Биохимия.

Диссертатсия дар кафедраи биохимия ва генетикаи факултети биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва озмоишгоҳи ҶДММ «Тиб барои шумо» ба анҷом расидааст.

Роҳбари илмӣ: Мирзораҳимзода Акобир Карим - доктори илмҳои биологӣ, дотсент, ноиби Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

- Раҳимов Исматулло Фатҳуллоевич – доктори илмҳои тиб профессор, узви пайвастаи АМИТ, мудири озмоишгоҳи фармокологии Институти химия

ба номи В.И. Никитинаи АМИ Тоҷикистон;

- Ҷумъаев Бахшулло Боқиевич - доктори илмҳои биологӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, сарходими илмии Озмоишгоҳи биохимияи фотосинтезии Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ.

Муассисаи пешбар - Институти биологии Помир ба номи академик Х.Ю. Юсуфбекови АМИТ.

БАРОМАД НАМУДАНД:

1. Раиси шуро: д.и.б., профессор, академик Якубова М.М.
2. Котиби илмии шуро: н.и.б., дотсент Ҳамидзода Х.Н.
3. Унвонҷӯ: Саидзода Хайридини Хол.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзои шуро, докторони илмҳои биологӣ – Алиев Қ., Сатторов Р.Б., Гулзода С.М., Раҳимов С., Эргашев А., Якубова М.М. ҷавоб дод.

Баромади роҳбари илмии унвонҷӯ – **Мирзораҳимзода Акобир Карим** шунида шуд.

Баромади муқаризони расмӣ:

1. **Раҳимов Исматулло Фатҳуллоевич**
2. **Ҷумъаев Бахшулло Боқиевич**

Баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:

1. Гулзода Сайдалӣ Маъмур
2. Алиев Қурбон
3. Бобизода Ғуломқодир Муккамал

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии диссертант шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъин гардид ва ҳайати он 3 – нафар аъзои шурои диссертатсионӣ – Гулзода Сайдалӣ Маъмур, Эргашев Абдуллоҷон ва Сатторов Раҳматулло Бобоевич интихоб гардиданд.

Аз 15 - нафар аъзои шурои дар ҷаласа ҳузурдошта дар бахши овоздиҳӣ 14 - нафар иштирок намуданд: аз инҳо 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 14, муқобил - нест, бюллетенҳои тақсимнашуда – 1, беэътибор – нест.

Аъзои шурои тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Саидзода Хайридини Хол додани дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.6. Биохимия қабул гардид.

ҚАРОРИ
шурои диссертатсионии 6D.KOA-150 назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 22 октябри соли 2026 ш. Душанбе

Суханронии Саидзода Хайридини Хол дар мавзуи «Омӯзиши каротиноидҳои таркиби сабзӣ (Daucus carota) дар муқоиса бо каротиноидҳои таркиби ангат (Hippophae rhamnoides L.)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.6. Биохимия, тақризи муассисаи пешбар - **Институти биологии Помир ба номи академик Х.Ю. Юсуфбекови АМИТ**, суханронии муқаризони расмӣ, **Раҳимов Исматулло Фатҳуллоевич –** доктори илмҳои тиб профессор, узви пайвастаи АМИТ, мудири озмоишгоҳи фармокологии Институти химия ба номи В.И. Никитинаи АМИ Тоҷикистон, **Ҷумъаев Бахшулло Боқиевич -** доктори илмҳои биологӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, сарходими илмии Озмоишгоҳи биохимияи фотосинтезии Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ ва докторони илм С.М. Гулзода, Қ. Алиев, ва Г.М. Бобизодаро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Саидзода Хайридини Хол

ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Саидзода Хайридини Хол дар мавзуи «Омӯзиши каротиноидҳои таркиби сабзӣ (Daucus carota) дар муқоиса бо каротиноидҳои таркиби ангат (Hippophae rhamnoides L.)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.6. Биохимия ба талаботи бандҳои 31 ва 33–35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводи илмии чопшудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Саидзода Хайридини Хол дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ, аз рӯйи ихтисоси 1.5.6. Биохимия дода шавад;
4. Барои додани дипломи номзади илмҳои биологӣ ба Саидзода Хайридини Хол аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор - 14 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои
диссертатсионӣ д.и.б.,
профессор, академики АМИТ Якубова М.М.

Котиби шурои диссертатсионӣ
н.и.б., дотсент Ҳамидзода Х.Н.

22.10.2026 сол.